Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-062 назди
Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон
(734025, шаҳри Душанбе, кӯчаи Мирзо
Турсунзода, 30; e-mail: p.rektora@mail.ru)

# ТАҚРИЗ

**ба афтореферати диссертатсияи Муртазозода Ораз дар мавзӯи “Такмили системаи идоракунии рушди инноватсионии саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария, методология, амалия” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ пешниҳод шудааст**

Дар СМР-2030 ҳамчун ҳадафи асосӣ таъкид шудааст, ки рушди минбаъдаи иқтисодиёти миллӣ бояд бар пояи навовариҳо ва инноватсия ба роҳ монда шавад. Ин ҳадаф бо мақсади баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот ва бо ин восита, таъмин намудани рушди устувори иқтисодиёти миллӣ ҳамчун омили рақобатпазир гардидани он муайян гардидааст. Дар ин раванд мукаммал гардонидани механизмҳои идоракунии рушди инноватсионии иқтисодиёти миллӣ ва соҳаҳои алоҳидаи он, аз он ҷумла саноат аҳамияти бештарро касб менамояд.

Чуноне, ки аз таҷриба маълум аст имрӯз мо дар замоне қарор дорем, ки рақобат дар иқтисоди ҷаҳонӣ на аз рӯи захираҳои табиӣ, балки аз рӯйи сатҳи дониш, навоварӣ ва қобилияти татбиқи технологияҳои пешрафта дар соҳаи истеҳсолот муайян карда мешавад. Аз ин лиҳоз, метавон гуфт, ки рушди инноватсионии саноат барои ҳар як кишвар аҳамияти стратегӣ дорад. Ҳамаи инро ба инобат гирифта, муаллиф бо он асос менамояд, ки инноватсия дар саноат воситаи муҳимми баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот мебошад. Диссертант истифодаи технологияҳои муосир, автоматикунонӣ ва рақамикунонии системаи саноатро асоснок намудааст, ки ба афзоиши маҳсулнокӣ ва рақобатпазирии маҳсулоти миллӣ дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ мусоидат мекунад.

Аз мазмуни автореферати Муртазозода Ораз маълум мегардад, ки имрӯз масъалаи такмили системаи идоракунии рушди инноватсионии саноат яке аз самтҳои муҳим ва саривақтии таҳқиқоти илмӣ мебошад. Воқеан дар шароити рушди бемайлони илм ва техника бе идоракунии дуруст ва самараноки равандҳои инноватсионӣ, таъмини рушди устувори соҳаи саноат ғайриимкон мебошад.

Дар автореферат муаллиф қайд намудааст, ки раванди идоракунии рушди инноватсионии соҳаи саноати миллӣ бояд бо дарназардошти талаботи

иқтисодиёти муосир, ки меҳвари асосии онро рақамикунонӣ ва муносибати оқилона бо муҳити зист ташкил медиҳад, амалӣ гардонида шавад. Яъне низоми истеҳсол ва фурӯши маҳсулот чунон ташкил карда шавад, ки набояд ба муҳити зист осеб расонад. Муҳимтар аз ҳама, амалӣ намудани чунин иқдом агар аз як ҷониб раванди ташкили истеҳсолотро дар кишвар бо принсипҳои иқтисодиёти муосир мутобиқ гардонад, аз ҷониби дигар, ташаккули соҳаи саноати инноватсионӣ-иҷтимоиро дар кишвар замина мегузорад. (саҳ. 16)

Бо дарки аҳамияти масъалаи мазкур, дар ин самт як қатор корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва амалии муҳим анҷом дода шудаанд. Ин тадбирҳо натанҳо ба рушди инноватсионии системаи саноат мусоидат мекунад, балки заминаи устувор барои баланд бардоштани рақобатпазирӣ ва таъмини амнияти иқтисодӣ дар кишвар фароҳам меоранд.

Қобили қайд аст, ки мавқеи муаллиф нисбати марҳалаҳои рушди низоми идоракунии инноватсия дар саноати кишвар (саҳ. 15), равандҳои инноватсионӣ (саҳ. 17), сохтори ташкилии соҳаи саноати Тоҷикистон (саҳ. 19) бо меъёрҳои идоракунии рушди инноватсионии соҳаи саноат (саҳ. 25) асоснок карда шудааст. Илова бар ин, нақшаи амал доир ба мутобиқгардонии низоми инноватсионии саноатӣ ба принсипҳои иқтисоди “сабз” (саҳ. 60) хеле хуб нишон дода шудааст.

Бо қаноатмандӣ метавон гуфт, ки саҳми муаллиф ба он ифода меёбад, ки ӯ тавонистааст асосҳои методологӣ ва амалии ташаккули низоми идоракунии рушди инноватсионии саноати кишварро бо назардошти равандҳои ҷаҳонии гузариш ба иқтисоди “сабз” муайян намояд.

Дар автореферати муаллиф новобаста аз мавҷуд будани дастовардҳои назараси илмӣ ҳамзамон, баъзан ҳолатҳо ба чашм мерасанд, ки шарҳи алоҳидаро тақозо менамоянд:

1. Дар расми 2, ки дар он сохтори раванди инноватсионии соҳаи саноат дида баромада шудааст, марҳилаи ниҳоии татбиқи инноватсия, ки бо омилҳои экологӣ зич вобаста мебошад, дида намешавад.

2. Муаллиф дар доираи боби 4 – уми диссертатсия нақши ҳамгироии инноватсиониро дар рушди саноати кишвар дида баромадааст. Аммо, дар инҷо дар хусуси ҳолати муосири ҳамгироии инноватсионӣ дар соҳаи саноати кишвар чизе оварда нашудааст.

Бояд қайд намуд, ки эродҳои овардашуда арзишу аҳамияти илмии кори мазкурро паст намекунад.

Дар маҷмуъ, рисолаи Муртазозода Ораз дар мавзӯи “Такмили системаи идоракунии рушди инноватсионии саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария, методология, амалия” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои

иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ - иқтисодӣ пешниҳод шудааст, ба натиҷаҳои анҷомдодашудаи кори илмӣ пурра мувофиқат мекунад. Ҳамзамон, ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ мебошад.

Тақриздиҳанда: д.и.и., профессори
кафедраи назарияи иқдисодии МДТ
«ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров» Исмоилов М.М

Имзои профессори кафедраи назарияи иқдисодии МДТ «ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров» д.и.и., профессор Исмоилов М.М.-ро тасдиқ менамоям.

Сардори Раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси МДТ
«ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров» З.С.Сайдуллозода

Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1.
(992-3422) 6-52-73, rector@hgu.tj
(992-3422) 6-75-18, http://hgu.tj